**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**________________Шарифзода М.М.**
**«16» январи соли 2023**

**ХУЛОСАИ**
**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» дар доираи татбиқи нақшаи перспективии кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир)» барои солҳои 2021-2025 омода карда шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра – 3 нафар доктори илмҳои таърих, профессор, 6 нафар номзади илмҳои таърих, 2 нафар муаллими калон, 6 нафар муаллимон ширкат доштанд. Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи таърих ва диншиносӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Фурқат Муқим омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти

«биступанчҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» навишта шуда, аҳамияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мубрамии мавзӯи (предмети) таҳқиқот.** Дар замони истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чор ҳадафи стратегии хешро эълон намуд, ки онҳо иборатанд аз: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳой аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар. Бахри татбиқи ин барномаҳои бузург таҷрибаи “биступанҷҳазориѐн” ва сарпарастони солҳои 30-уми асри XX сабақи таърихӣ дошта, дар замони муосир низ таҳкиқи дурусти ин масъалаҳо ба густариши иқтисодиёти Тоҷикистон метавонад муфид бошад.

Дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон ҷои намоёнро “биступанчҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст – отрядҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд, вале, то ҳол ба дараҷаи кофӣ ин раванди таърихӣ омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи таърихи фаъолияти «биступанчҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» аҳамияти бузурги илмӣ касб намудааст.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти дисертатсионӣ фаъолияти меҳнатии «биступанчҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» ба ҳисоб меравад. Дар рафти таҳқиқот таърихи фаъолияти «биступанчҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, инъикоси вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон таи солҳои 1929-1941 ва натиҷаҳои он мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот** муайян намудани саҳми «биступанчҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои 1929-1941 ба ҳисоб меравад.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи маълумот пеш аз ҳама маводи бойгонӣ аз хазинаҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

асноди бойгонии давлатии таърихи муосири Тоҷикистон (минбаъд - БДТМТ). бойгонии давлатии вилояти Суғд, инчунин маҷаллаву рӯзномаҳои даврии солҳои 30-юми асри XX ба ҳисоб мераванд.

Ҳамчунин.ба ҳайси сарчашма як қатор очерку асарҳои илмӣ - оммавии замони шуравӣ истифода шудаанд.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудани дараҷаи фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои асосии давлати шӯравӣ: саноатикунонӣ, коллективонии хоҷагии қишлоқ ва сохтмони маданӣ мебошад.

**Методологияи таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқот усулҳои илмии таҳқиқотӣ, ба мисли шарҳу тавсифи илмӣ, усулҳои хронологӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, статистикӣ, усули умумии универсалӣ, таҳлил ва принсипҳои муносибати мушаххаси таърихӣ ва фарогирии объективии равандҳои таърихӣ, таҳлили муқоисавии таърихӣ ва системавии илмӣ, муносибати ҳамаҷониба ба рӯйдодхои таърихии ҶумҳурииТоҷикистон, ки дар он замон фарқ мекарданд, истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал мавзӯи диссертатсионии мазкур фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпарастро дар Тоҷикистон дар солҳои 1929-1941 ҳаматарафа баррасӣ ва таҳқиқ гардида, вазъи он давра аз нигоҳи замон мавриди таҳлил қарор гирифта, аз нуқтаи назари илмӣ ҷиёсгузорӣ шуда:

а) раванди ба Тоҷикистон омадан ва ҷобаҷокунии “биступанҷҳазориѐн”ва бригадаҳои сарпараст нишон дода мешавад;

б) саҳми онҳо дар рушди саноати кишвар муайян карда мешавад;

в) нақши “биступанҷҳазориён” дар рушди соҳаи аграрии Тоҷикистон инъикос меёбад;

г) бори аввал ба муомилоти илмӣ маводи нави бойгонӣ ворид мешавад, ки саҳми “биступанҷҳазориёнро”дар равандҳои иншооти обёрӣ

ва азхудкунии заминҳои нав дар ҷумҳурӣ, ба хусус дар водии Вахш, инъикос мекунад;

д) хусусиятҳо ва мушкилоти ин марҳила муайян карда мешавад.

Унвонҷӯ оид ба ин муаммоҳо ҷустуҷӯи илмӣ гузаронида, ба ҳалли бархе аз масъалаҳои баррасишаванда алоҳида таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

**Сохтори диссертатсия** аз сарсухан, ду боб, панҷ зербоб, хулоса иборат буда, руйхати маводҳои бойгонӣ ва адабиёт ба кор ҳусни хотима мебахшанд.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзӯъ, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, инчунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ёрии «биступанҷҳазориён» ба халқи Тоҷикистон дар сохтмони ҷомеаи нави сотсиалистӣ (1929-1937) ном дошта, фарогири се боб мебошад. Дар он таърихи масъалаҳои ба Тоҷикистон омадани коргарони рус– «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст, саҳми «биступанҷҳазориён» дар рушди саноати Тоҷикистон ва нақши «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар бунёди совхозҳо ва колхозҳо" таҳлил карда шуда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур «Масъалаи ба Тоҷикистон омадани коргарони рус–биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст» муаллиф қайд менамояд, ки "биступанҷҳазориён" коргарони пешқадами марказҳои калони саноатии ИҶШС, ки бо даъвати Ҳизби Коммунист бо ихтиёри ҳуд барои корҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ибтидои солҳои 30-юми асри XX, дар давраи коллективонии хоҷагии деҳот аз марказҳои калони ИҶШС ба минтақаҳои дурдасту аграрии мамлакат, аз ҷумла ба Осиёи Миёна фиристода шуда буданд. Дар моҳи

ноябри соли 1929 пленуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунистӣ қарор қабул кард, ки «биступанҷҳазориён» - коргарони дорои таҷрибаи кофии ташкилотчигӣ ва сиёсӣ ба деҳот барои кор дар колхозҳо фиристода шаванд.

Ин қарор вокуниши васеъро дар байни оммаи коргарони марказҳои саноатии мамлакат пайдо кард. Дар интихоби ихтиёриён дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ҳизбӣ, коллективҳои коргарон ширкат варзиданд, ки дархостҳои дар маҷлисҳои дар корхонаҳо қабулшударо муҳокима карданд. Дар давоми солҳои 1930-1931 150 нафар аз «биступанҷҳазориён» ба Тоҷикистон омаданд, ки онҳо дар бунёди низоми колхозӣ саҳми арзанда гузоштанд

Дар зербоби дуюми боби аввал «Саҳми «биступанҷҳазориён» дар рушди саноати Тоҷикистон» унвонҷӯ Мирзоев Ғолибшо оиди иқдомҳои инқилобии Ҳукумати Шӯравӣ роҷеъ ба саноатикунонии мамлакат маълумот додааст. Бояд иброз намуд, ки дар ибтидои солҳои 30-юми асри XX Тоҷикистон низ ба кишвари саноатӣ мубаддал гашт, зеро аввалин корхонаҳои саноатӣ сохта шуданд, ки дар ин раванд саҳми «биступанҷҳазориён» хеле калон буд.

Мавсуф нақши халқи русро дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, саҳми онҳоро дар ташаккули ҷумҳурии мо дуруст нишон додааст. Сиёсатмадорон ва вазирон, академикҳо ва олимони барҷастаи Академияи илмҳо, директорон ва саринженерони корхонаҳо, кормандони институтҳои тадқиқотӣ ва бюроҳои конструкторӣ, муаллимони мактабҳои олӣ ва муаллимони мактабҳои миёнаи умумӣ, котибони КМ, кумитаҳои вилоятӣ ва кумитаҳои ноҳиявӣ аксар «биступанҷҳазориён» буданд.

Дар зербоби сеюми боби аввали рисола «Биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар бунёди совхозҳо ва колхозҳо» унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки барои амалӣ намудани коллективонии хоҷагии деҳот беҳтарин коргарон фиристодан шуда будаанд. Ба ҳаракати оммавии

колхозӣ аз ҳама бештар минтақаҳои водӣ, пеш аз ҳама минтақаҳои пахтакор омода шуданд, ки заминаи мустаҳками моддию техникӣ доштанд. Инҳо Арал, Сарой-Камар, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд ва ғайра мебошанд, ки шумораи нисбатан зиёди хоҷагиҳоро дар бар мегирифтанд. То ибтидои соли 1930 дар ҷумҳурӣ ҳаракати азими колхозӣ вусъат ёфт, то аввали моҳи феврали соли 1930 зиёда аз 15 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонии хусусӣ коллективонида шуданд.

Дар ин ҳаракат, саҳми «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст, ки ҳангоми омадан фаъолияти худро дар корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни кишоварзон пурзӯр карданд, назаррас буд.

«Биступанҷҳазориён» махсусан дар ҷорӣ кардани усулҳои нави меҳнат, гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ ва фарҳангию маърифатӣ ва ғайра корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд. Намояндагони коргарони Русия ба деҳқонон дар ҳама кор кумак мекарданд: онҳо асбобҳои кишоварзиро таъмир мекарданд ва дар истеҳсолот ҷорӣ мекарданд, дар омода кардани тракторҳо ва дигар таҷҳизот барои корҳои саҳроӣ кӯмак мекарданд.

Боби дуюми диссертатсия «Нақши «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар азхуднамоии водии Вахш ва дигар иншооти ирригатсионӣ» ном дошта, дар зербобҳои он ширкати «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар сохтмони «Вахшстрой, ширкати «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар сохтмони иншоотҳои обёрикунанда мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия «Ширкати «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар сохтмони «Вахшстрой» диссертант қайд менамояд, ки Вахшстрой лоиҳаи сохтмони умумииттифоқӣ эълон карда шуда, ба руйхати 150 иншооти махсусан муҳими ИҶШС, ба мисли Уралмаш, Днепро ГЭС, комбинати металлургияи Магнитогорск, корхонаи тракторсозии Сталинград, корхонаҳои автомобилсозии Горкий ва сохтмони роҳи оҳани Туркистону

Сибир (Турксиб) дохил карда шуда буд. Арзиши лоиҳавии сохтмон 155,7 миллион рублро ташкил дод, ки он вақт маблағи ниҳоят калон буд. «Вахшстрой» ро ташкилотчиёни воқеан боистеъдод - «биступанҷҳазориён» роҳбарӣ мекарданд, ки аз шаҳрҳои мухталифи Русия, Украина, Белоруссия бо дастури комсомол омада буданд.

Бояд иброз дошт, ки дар замони шуравӣ водии Вахш ба яке аз марказҳои асосии пахтакорӣ ва дигар маҳсулоти аграрӣ табдил ёфт, ки дар он саҳми "биступанҷҳазориён", ки солҳои сиюми қарни бист бо меҳнати зиёд ин минтақаро обод сохтанд, ниҳоят бузург аст.

Онҳое, ки ин мактаби бузурги «Вахшстрой» ро дар шароити ниҳоят вазнин гузаштаанд, олимони намоён, пешвоёни соҳибистеъдоди тиҷорат, ходимони давлатӣ шуданд. Дар байни онҳо зиёда аз 20 нафар ба пояҳои баланд расиданд - Ҷаббор Расулов - сарвари Тоҷикистон, шоири халқӣ Мирсаид Миршакар, ирригатори шоистаи ҶШС Тоҷикистон С.Мирошниченко, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Сироҷиддин Исоев, ки солҳои тӯлонӣ ба ноҳияи Колхозобод (имрӯз Ҷалолиддини Балхӣ) раҳбарӣ мекард ва ғайраҳо буданд.

Хулас, азхудкунии водии Вахш саҳми назаррас дар рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҶШС Тоҷикистон гардид.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, ки «Ширкати «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар сохтмони иншоотҳои обёрикунанда» ном дорад, муаллиф қайд менамояд, ки шарти асосии рушди пахтакорӣ дар Тоҷикистон обёрии сунъии миқдори зиёди заминҳо, истифодаи имкониятҳои мусоиди табиӣ ба ҳисоб мерафт. Ин вазифаро бо роҳи сохтани каналҳои калон, обанборҳо, сарбандҳо, истгоҳҳои обкашӣ ва дигар иншооти ирригатсионӣ ва гидротехникӣ ҳал кардан мумкин буд.

Сохтмони ирригатсионӣ аз ибтидои солҳои 30-юми асри XX дар Тоҷикистон оғоз ёфт, ки ҳадафи асосии он рушди пахтакорӣ ва дигар зироатҳои хоҷагии деҳот ба ҳисоб мерафт. Аввалин бинокорон дар

моҳҳои аввали сохтмон ба мушкилоти зиёд дучор меомаданд, дар ҳама ҷо ва дар ҳама чиз монеахо дида мешуданд, пеш аз ҳама таҷҳизот намерасид, коргарон набуданд, алахусус кормандони техникӣ, шароити оддии зиндагӣ тамоман вуҷуд надошт.

Сохтмони системаи обёрии Вахш на танҳо истифодаи устувори обро барои заминҳои кӯҳнаи пеш обёришаванда, балки ба муомилоти иктисодӣ ворид намудани даххо хазор гектар заминҳои нави ҳосилхезро низ таъмин намуд. Майдони кишти пахта дар соли 1940 дар ҷумҳурӣ 106 ҳазор гектар, аз ҷумла 41,3 ҳазор гектар барои навъҳои маҳиннах гардид.

Аксарияти мутлаки мутахассисон ва коргарони бомаҳорате, ки ба Тоҷикистон омадаанд, дар сохтмони иншооти обёрӣ ва гидротехникӣ дар деҳот кор мекарданд ва бо аҳолии маҳаллӣ робитаи зич баркарор намуданд. Онҳо зуд-зуд мулокот мекарданд, накшахо, андешаҳои худро мубодила мекарданд, масъалаҳои муҳимро, ки дар раванди истеҳсолот ба миён меоянд, муҳокима мекарданд.

Муаллифи рисола кайд мекунад, ки яке аз мутахассисони намоён Вячеслав Федорович Петров буд. Вай соли 1929 ба ҳайати бригадаҳои сарпараст ба ҷумҳурӣ омада буд. Дар аввал, В.Ф.Петров дар сохтмони канали Вахш, сипас ба ҳайси агроном дар яке аз совхозҳои таъсисёфта кор кардааст. Соли 1933 вай директори совхози «Вахш» шуд, ки дар он ҷо пахтаи маҳиннах парвариш карда мешуд". Умуман, зербоби мазкур бо далелҳои муътамад баррасӣ шудааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзӯъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси кабул мебошанд. Аз ҷумла, муалиф изҳори акида менамояд, ки «бистуланчҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст, ки дар аввали солҳои 30-юми асри XX аз Федератсияи Русия ба Тоҷикистон омада буданд, дар бунёд ва таҳкими низоми колхозӣ, рушди пахтакорӣ, сохтмони иншооти ирригатсионӣ ва гидротехникӣ, тарбияи кадрҳои колхозӣ аз ҳисоби

миллатҳои бумӣ, дар азнавсозии техникии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ мусоидат намуда, ба деҳқонон оид ба татбиқи технология дар истеҳсолот кӯмак расониданд.

Ҳамин тавр, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ хислати навгонӣ доранд.

Сохтор ва муҳтавои асосии диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» тибқи талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи муқаррароти он мебошад.

Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба диссертатсияи худ 7 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи «Фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» ба бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Мирзоев Ғолибшо Шарифович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Дар хулоса, натиҷаҳои умумии тадқиқот ҷамъбаст ва пешниҳодоти муаллиф барои рушди соҳа оварда шудаанд.

Автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои диссертатсияро инъикос намудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ба назари мо баъзе камбудию норасоиҳои зерин низ ба назар мерасанд:

1. Муаллиф ба ҳаёт ва фаъолияти баъзе аз намояндагони «биступанҷҳазориён» камтар маълумот додааст, аз ҷумла дар бораи А.И.Уваров, П.А.Сухов, В.Казанников, Евполова ва ғайраҳо.

2. Асари Ҳомидов Ф.М. «Вахшстрой» – детище дружбы народов" (Хуҷанд, 1998) истифода нашудааст.

3. Дар диссертатсия дар бораи кори «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон умуман маълумот нест.

4. Дар рисола баъзе хатогиҳои услубӣ, имлоӣ ва грамматикӣ низ ба назар мерасанд, ки онҳо дар маҷмуъ арзиши илмии рисоларо паст намесозанд.

Вале камбудиҳои зикршуда қиммати илмии корро коста намекунанд ва диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» ба тамоми талабот ва меъёрҳои муқаррар намудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Тақризи мазкур дар кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёстшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон санаи 12-уми январи соли 2023 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» - 17

«муқобил» - нест

«бетараф» - нест

Суратҷаласаи кафедра № 6 аз 12-уми январи соли 2023.

**Раиси ҷаласа, мудири**
**кафедраи муносибатҳои байналхалқии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**доктори илмҳоитаърих, профессор** **Ғаффорӣ Н.У.**

**Ташхисгар:**
**мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Котиби ҷаласа** **ДӯсматоваМ.Т.**

Имзоҳои мудири кафедраи муносибатҳои
Байналхалқии ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,
профессор Ғаффорӣ Н.У.,
мудири кафедраи таърих ва диншиносии
ДДҲБСТдоктори илмҳои таърих,
профессор ҲомидзодаФ.М.,
котиби ҷаласа ДӯсматоваМ.Т.- ро
тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Х.**

16.01.2023

*Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1*
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,*
*бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Тел.: +992342223811*
*Факс: +992342225170*
*E-mail: tsulp@rambler.ru .*